Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

10 апрели соли 2002. Чоршанбе № 26 (12769)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 5 апрел дар қароргоҳи Оқсарой ҳайати вакилони конгрессменҳоро тахти сарпарастии узви Кумита оид ба муносибатҳои байналхалқии палатаи намояндагони Конгресси ИМА, раиси зеркумита оид ба масъалаҳои кайҳон ва аэронавтикаи Кумита оид ба илм Д. Роурбахер пазируфт.

Баъди воқеаҳои 11 сентябр рушди муносибатҳои ӯзбекистониву амрикой назаррас пурзӯр гаштанд. Зарур аст қайд намоем, ки ба он ҷонибдории қатъии Ӯзбекистон Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва муборизаи он ба муқобили терроризми байналхалқӣ сабаб гардид.

Пайваста афзудани шумораи ҳайати вакилони Конгресси ИМА, ки ба мамлакати мо сафар мекунад, боз як нишонаи собитқадамона таҳким ёфтани равобити ӯзбекистониву амрикой ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми мулоқот конгрессменҳо ба Ислом Каримов барои ҷонибдории муоҳидаи байналхалқии зиддитеррористӣ миннатдорӣ изҳор намуданд.

Дар рафти сӯҳбат оид ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни давлатҳоямон, муаммоҳои амнияти минтақавӣ ва дигар масъалаҳо мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

**(ЎзА).**

# Ҷараёни дигаргунсозиҳо ва навсозиҳо нобозгаштанд

## Суханронии Президент Ислом Каримов дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис

Ассалому алайкум, вакилони халқи мӯҳтарам!

Дӯстони азиз!

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ба муҳокимаи иҷлосияи кунунии Олий Маҷлис гузошта шудааст, бо натиҷаҳои раъйпурсие алоқаманд мебошад, ки 27 январи соли кунун гузаронда шуд ва ҳамчунин ба ҳаёт татбиқ кардани он алоқаманд мебошад.

Агар бигӯем, ки имрӯзҳо ин вазифа масъалаи ниҳоят умда дар ҳаёти сиёсии мамлакат мебошад, ягон муболиғае намебуд.

Аз маврид истифода бурда, зарур меҳисобам оид ба ин масъала фикру мулоҳизаҳои худро баён созам.

Пеш аз он ки дар ин бора мубодилаи афкор намоем ва аз он хулосаи даркорӣ бардорем, ба пиндорам, ҷоиз аст ба як қатор масъалаҳо бори дигар баргардем.

**Аввало,** барои чӣ ва ба кадом мақсад раъйпурсии умумихалқӣ гузаронда шуд.

**Дуюм,** раъйпурсӣ чиро нишон дод, кадом нуқтаи назари мардумамонро он ифода намуд.

Бо назардошти он **масъалаи сеюм** ба миён меояд: натиҷаҳои раъйпурсӣ дар ҳаётамон чӣ тавр акс меёбад, ба кадом натиҷаҳои амалӣ он оварда мерасонад.

Моҳияти ин вазифаҳоро дар худ тасаввур накарда, ҳамчунин бидуни афкори шаҳрвандон, ки онҳо дар рафти раъйпурсӣ ифода карданд, корҳои мураккабу масъулиятнокро оид ба ҳаёт татбиқ намудани азму иродаи онҳо иҷро кардан осон нест.

Махсусан бояд он чизро зикр намуд, ки ягон кас он чизро инкор карда наметавонад, ки барои рушди мамлакатамон онҳо то чӣ андоза муҳиманд, ба тамоми соҳаҳои ҳаётамон ду масъалае, ки ба раъйпурсӣ барои муҳокимаи умумихалқӣ пеш гузошта шуда буданд, чӣ гуна таъсири бузург мерасонанд. Ва он маҳз масъалаи дар даъвати минбаъда интихоб кардани парлумони дупалатагӣ ва тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол мебошанд.

Дар айни замон, ба пиндорам, бисёриҳо маро дар ин бобат ҷонибдорӣ мекунанд, ки моҳияти раъйпурсии гузашта аз чӣ иборат асту он ба ҳаёти ояндаамон чӣ гуна таъсир мерасонад, муҳим буда, он танҳо бо ин ду масъала маҳдуд намегардад.

Ба ҳамаи мо он чиз возеҳу равшан бошад, ки дар мамлакатамон ба рӯи об баровардани раъйпурсӣ, чун дигар ҳамин гуна тадбирҳои умумихалқӣ, ки дар давлати дилхоҳи демократӣ гузаронда мешаванд, гуфтан мумкин аст, ки минбари азму иродаи озоди шаҳрвандон, муносибати онҳо ба ислоҳотҳои амалигардондаистода ва оянда мебошад.

Бо дигар суханон гӯем, вай минбари азму иродаи халқ нисбати саъю кӯшиши мо оиди муназзам идома додан ва минбаъда амиқ гардондани ислоҳотҳои доманадор гардида, самтҳо ва усулҳои амалӣ гардондани онҳоро аниқ муайян мекунад.

Имрӯзҳо бидуни ягон шакку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки натиҷаҳои раъйпурсӣ, дар он иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва аз ҷониби онҳо изҳор гардидани боварӣ он чизро возеҳу равшан намоиш дод, ки халқи мо равандҳои дигаргунсозиҳо, навсозиҳоеро, ки ба сохтмони ҷамъияти нав нигаронда шудааст, ҳамчунин сиёсати дохилаву берунаамонро пурра ҷонибдорӣ мекунад.

Ҳамин тавр, халқамон розигии худро оиди идома додани роҳи пешгирифта, баровардани он ба дараҷаи нави баланд дод.

Фикрҳои болоиро умум гардонда, зикр кардан зарур аст, ки натиҷаҳои раъйпурсӣ имконият медиҳад ду хулосаи муҳимро бардорем.

**Аввало,** халқи мо роҳи интихобкардаамонро ҷонибдорӣ мекунад. Яъне он маҳз иборат аз даст кашидан аз режими тоталитарӣ, сохтани давлати кушоди демократӣ, гузаштан аз иқтисодиёти мутамарказонидашудаи худро сафеднакардае, ки асосашро низоми фармонфармоиву маъмурӣ ташкил медод, ба муносибатҳои иқтисоди озоди бозаргоние, ки дар саросари ҷаҳон эътирофи худро пайдо кардааст, саъю кӯшиши мо оид ба даст омадани ҳаёти озоду фаровон аст.

**Хулосаи дуюме,** ки аз натиҷаҳои раъйпурсӣ бармеояд, дар он зоҳир мегардад, ки худи ҳаёт собитқадамона идома додани ислоҳоти оғозкардаамон, минбаъда амиқ гардондани онро барои ба даст омадани марраҳои баланд, ки аз ҷиҳати дараҷа аз мамлакатҳои мутараққӣ монданӣ надорад, ба вуҷуд овардани ҷамъияти ҳақиқии шаҳрвандӣ тақозо дорад, ки мо ба он ҷаҳду ҷадал дорем. Агар бигӯем, ки ҳамаи онро аз тамоми мо бо эътимоди калон аҳли васеи ҷамъият, халқамон мунтазир аст, ягон муболиғае намебуд.

Дӯстони мӯҳтарам!

Биёед, акнун ба масъалаи сеюм-раъйпурсӣ дар ҳаётамон чӣ тавр акси худро пайдо мекунад, истода гузарем. Бо кадом роҳ, бо кадом собитқадамӣ ин вазифа амалӣ гардонда мешавад, он кадом натиҷаҳои амалиро мебахшад.

Барои ба даст омадани ин мақсадҳо зарур аст, ки натиҷаҳои раъйпурсӣ дар навбати аввал дар Конститутсияамон ва қонунҳоямон акси худро пайдо кунанд.

Дар истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «имплементатсия» мавҷуд аст. Ин мафҳум маънии дар амал татбиқ кардани қонун ва қарорро дорад ва дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Бо назардошти он, ба мақсади амалӣ гардондани натиҷаҳои раъйпурсии дар мамлакатамон гузарондашуда имрӯз ба ҳукми шумо лоиҳаи Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ» пешкаш карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи идораи давлатӣ дар худ пеш аз ҳама масъалаҳои тағйир додани сохтори Олий Маҷлисро, ки мақомоти қонунбарорӣ ба ҳисоб меравад, созмон додани палатаи поёнӣ-қонунбарорӣ ва палатаи болоӣ-Сенат, тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро аз панҷ ба ҳафт сол ва дигар масъалаҳои муҳими алоқаманди ин ислоҳотҳоро мунъакис кардааст.

Алқисса, ҳуҷҷати мазкури ҳуқуқӣ натиҷаҳои раъйпурсиро дар шакли қонунгузорӣ акс мекунад ва таҳким мебахшаду асос барои даровардани тағйиротҳо ба Конститутсияамон мегардад.

Баробари ин мо бояд он чизро дарк намоем, ки лоиҳаи мазкури Қонуни Конститутсионӣ аз рӯи моҳият талабҳои дигари принсипан наверо, ки дар худ раванди тағйиротҳоро акс кунондааст, талабҳои навро нисбати қонунҳое пеш мегузорад, ки минбаъд қабул кардани онҳо зарур мебошанд.

Дар рафти муҳокимаи лоиҳаи қонуни мазкур, ба пиндорам, вакилони халқ диққату эътиборро пеш аз ҳама ба нуктаҳои фавқулодда муҳими номбаргардида менигаронанд. Яъне маҳз ба таркиби нави Олий Маҷлис даъвати минбаъда диққату эътибори калон медиҳанд.

Дар айни замон диққату эътибори худро ба махсусиятҳои палатаҳои поёнӣ ва болоии парлумон, муносибатҳои мутақобилаи онҳо дар фаъолияти қонунбарорӣ, ҳамчунин тартиби ба вуҷуд овардани палатаҳо, усулиятҳои муайян кардани миқдори аъзоёни онҳо ва мӯҳлати ваколаташон менигаронанд.

Баробари ин муайян кардани санаи ягонаи гузарондани интихоботи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, интихобот ба палатаи поёнии қонунбарорӣ ва мақомоти сернамояндаи ҳокимият аҳамияти муҳим касб мекунад.

Мувофиқи лоиҳаи қонун интихобот дар соли ба анҷом расидани ваколати конститутсионии ваколати ин мақомот-якшанбеи аввали даҳрӯзаи сеюми моҳи декабр дар назар дошта шудааст.

Тартиби мазкур чӣ гуна аҳамияти амалиро молик мебошад?

Аввало, тартиби мазкури дар бисёр давлатҳои демократӣ мавҷуда-аниқ муайян кардани мӯҳлати гузарондани интихобот худсарӣ ва зоҳир гардидани ҳар гуна мақсадҳои ғаразнок, дигар муносибатҳои ҳаминқабилаи субективиро дар соҳаи мазкур пешгирӣ менамояд.

Баробари ин шаҳрвандонамон, халқамон тасаввуроти возеҳро дар ин бобат ҳосил мекунанд, ки интихобот охири сол, дар вазъи осудагӣ, вақте ки тамоми нақшаву корҳои ба тамоми сол андешидашуда ба иҷро мерасанд, гузаронда мешавад.

Дигар вазифаи муҳим дар он зоҳир мегардад, ки чунин тартиб шароитро барои таъмин кардани мувозанату мутобиқат ва ризомандӣ байни ҳокимияти қонунбарорӣ ва иҷроия, роҳ нагузоштан ба фаъолияти ҳамдигарро иваз кардан, аз тарафи ин мақомот иҷро гардидани ӯҳдадориҳои бевоситаашон фароҳам меоварад.

Агар сухан дар бораи палатаи болоӣ-Сенат равад, аъзоёни он мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун дар бадали як моҳи гузарондани баъди интихобот охири моҳи декабр ба Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, Кенгашҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо интихоб карда мешаванд.

Дар масъалаи мазкур возеҳии хотимавии рӯшан акси худро пайдо кардааст ва ба пиндорам, халқамон онро бо дарки амиқ қабул мекунад.

Ба ҳамаи шумоён маълум аст, ки палатаи поёнӣ, ки Палатаи Қонунбарорӣ номида мешавад, корҳоро бо тартиби тамоман нав, яъне дар пойгоҳи доимӣ, касбӣ ба иҷро мерасонад.

Ба ҳамин муносибат гуфтан мумкин аст, ки ба узвияти он ба сифати муаддии асосӣ ба арса ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои ташаббускори интихобкунандагон мебароянд.

Онҳо ба палатаи поёнӣ номзадҳои худ — аз рӯи фаъолият шахсони аз нигоҳи касбӣ ҳамаҷониба тайёргардида ва ба ин кор шавқмандро пешбарӣ мекунанд, ба он саъю кӯшиш менамоянд, ки маҳз онҳо вакилони халқ гарданд.

Агар дар бораи фарқияти палатаи болоӣ аз поёнӣ ҳарф зада шавад, он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки аз ҷумлаи вакилони халқе, ки аз тамоми Кенгашҳои маҳаллӣ интихоб карда мешаванд, ба палатаи мазкур аз субектҳои ҳудудӣ, новобаста аз он, ки вай аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мебошанд, аз ҳар кадоми он шаштогӣ вакилони халқ интихоб мегарданд.

Ба ҷуз ин аъзои палатаи болой ҳамчунин шонздаҳ нафар шаҳрвандони номдоре, ки дар байни халқ соҳиби обрӯву эътибори калон мебошанд, мегарданд, ки аз тарафи Президент таъин карда мешаванд.

Бо дигар суханон гӯем, аъзои палатаи болой, ки аз вазъияти маҳалҳо хуб бохабар ҳастанд, равобити бевоситаро бо Кенгаши интихобкардаашон канда намекунанд, ҳини фаъолияти парлумонии худ манфиатҳои минтақаҳоро пурра ифода месозанд ва онро ҳифз мекунанд.

Агар сухан дар бораи тартиби ба вуҷуд овардани палатаи болой равад, аъзоёни он аз ҷумлаи вакилони халқи Кенгашҳои маҳаллӣ дар маҷлиси муштараки онҳо бо роҳи овоздиҳии махфӣ интихоб карда мешаванд.

Ба фикрам, чунин тартиби интихобот пурра ба ҳамаи талабҳои демократия ҷавобгӯст.

Бояд зикр намуд, ки Сенат набояд баробар бо палатаи поёнӣ бо фаъолияти қонунбарорӣ машғул гардад.

Яъне аъзои Сенат дар фаъолияти қонунбарорӣ бо назардошти пеш аз ҳама манфиатҳои мамлакат ва якҷоя бо минтақаҳои дахлдор бо роҳи маъқул донистан ва ё ба таъхир гузоштани лоиҳаи қонунҳое иштирок мекунад, ки палатаи поёнӣ пешкаш намудааст.

Аз маврид истифода бурда, мехостам зикр кунам, ки дар рафти муайян кардани ваколатҳои палатаи болой як қатор вазифаҳое, ки имрӯз Президент ба иҷро мерасонад, якҷоя бо дигар вазифаҳои муҳим ба зиммаи Сенат гузошта мешавад.

Боз як фарқияти палатаи болой-Сенат аз палатаи поёнӣ аз ҳамин иборат аст, ки палатаи поёнӣ дар пойгоҳи доимӣ фаъолият пеш мебарад, Сенат бошад, дар иҷлосияҳои худ ҷамъ омада, қонунҳоеро муҳокима мекунад, ки палатаи поёнӣ қабул кардааст ва қарори худро дар ин бобат қабул мекунад.

Бояд зикр намуд, ки дар лоиҳаи Қонуни Конститутсионие, ки имрӯз ба муҳокима пешкаш гардидааст, танҳо нуктаҳои асосие нишон дода шудаанд, ки ба таркиби нав ва вазифаҳои парлумони мо дахлдоранд.

Албатта, барои ҳамаи мо он чиз возеҳу равшан бояд бошад, ки дар наздамон вазифаи муфассал муҳокима намудани масъалаҳои ҷиддии алоқаманди фаъолияти Олий Маҷлис, палатаҳои поёниву болоии он, таҳия намудан ва қабул кардани қонунҳои ҷудогона истодааст.

Бидуни муболиға гуфтан мумкин аст: он чиз аҳамияти калон касб мекунад, ки дар рафти таҳияи ин қонунҳо мо пеш аз ҳама ба таҷрибаи дар бадали даҳ сол андӯхташуда такя мекунем, арзишҳоямон, менталитетамон ва амалияи давлатҳои демократии мутараққиро ба назари эътибор мегирем.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Ба ҳамаи мо бояд фаҳмо бошад: барои мо ба иҷро расондани корҳои бузурге ба он мақсад лозим меояд, то ки ба марраҳои пешбинигардида расем, қонунҳои навро оид ба амиқ гардондан ва аз нигоҳи қонунӣ таҳким бахшидани ислоҳотҳои демократӣ қабул кунем, аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ кардани заминаи мавҷудаи қонунгузорӣ ва ба онҳо даровардани тағйиротҳои зарурию дахлдори ҷавобгӯи айёмро таъмин созем.

Барои ба иҷро расондани ин вазифаҳо дар бобати ба вуҷуд овардани ҳаёти нав риоя намудани қоидаҳое аҳамияти муҳим касб мекунанд, ки барои мо усулиятҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Ва ин усулиятҳо аз чиҳо иборатанд?

**Аввало.** Боз ҳам амиқ татбиқ кардани андозаҳо ва усулиятҳои демократӣ дар идораи давлатӣ ва сохтмони ҷамъиятӣ. Таъмини мувозанату мутобиқати шохаҳои ҳокимияти қонунбарорӣ, иҷроия ва судӣ. Таъмини мустақилияти онҳо, дар амалия ба вуҷуд овардани механизмҳо барои ба иҷро расондани вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои ба зиммаи ҳар кадом шохаи ҳокимият гузоштташуда.

Бешак, ба қатори ин вазифаҳои ниҳоят умда минбаъда такмил додани низоми интихобот, баланд бардоштани шуурнокии сиёсӣ ва афкор ва дар айни замон пурзӯр гардондани фаъолнокии сиёсии интихобкунандагон, тамоми халқро шомил гардондан зарур аст.

Ба мо лозим аст аниқ онро дарк кунем, ки дар мамлакати дилхоҳ байни шохаҳои ҳокимият агар мувозанату мутобиқати демократие, ки Конститутсия ва қонунгузориҳо муайян кардаанд, набошад, агар ҳар як шохаи ҳокимият, хоҳ вай қонунбарорӣ, хоҳ иҷроия ва ё хоҳ судӣ бошад, ваколатҳо ва ӯҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда иҷро нагарданд, дар он сурат дар ин мамлакат ба зуҳур ёфтани идораи авторитарӣ ва қабул гардидани қонунҳо дар ҳамин рӯҳ оварда мерасонад.

Дар натиҷаи он дар ҳар кадом соҳа, хоҳ идораи давлат ва ҷамъият, хоҳ дар иқтисодиёт ва ё соҳаҳои иҷтимоиву маънавӣ, оқибатҳои манфӣ сар мезананд, вазъияти номусоид ба вуҷуд меояд, ки боиси норозигии халқ мегардад.

Кушоду равшан мегӯям: дар давраи гузариш бар асари вазъияти мухталифи обективӣ ва душвориҳо мо ба бисёр муаммоҳо рӯ ба рӯ гардидем, ки бо таъмини дар амал татбиқ кардани қонунҳои муҳими дар боло номбаргардида алоқаманд мебошанд.

Бояд эътироф намуд, ки нарасидани кадрҳо ва мутахассисони баландмалака, дар айни замон аз нигоҳи тафаккур ба камол нарасида, вазъи мураккаб, аз ҳама муҳимаш нарасидани таҷриба дар соҳаи қонунбарорӣ дар ҳар қадам монеъ гардид.

Баробари ин бояд онро эътироф намуд, ки дар солҳои истиқлолият дар мамлакатамон асоси калони қонунбарорӣ ва рушди низоми идораи давлат ба вуҷуд оварда, кадрҳои зарурӣ тайёр карда шуданд.

Дараҷаи шуурнокии ҷамъиятии шаҳрвандонамон, маданияти сиёсии онҳо то андозае баланд гардид. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки усулҳои идораи авторитариро бо ягон шароит ва махсусияти ба он хос акнун сафед кардан мумкин нест.

Танҳо баробари иҷрои ин талабҳо дар ҳаётамон мо дар амал волоияти қонун ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёдро таъмин карда метавонем.

**(Давомаш дар саҳифаи 2.)**

## Савдои навбатӣ

Савдои музоядаи навбатӣ, ки он анъанавӣ мегардад, дар Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон барои фурӯхтани захираҳои моддиву техникӣ ба корхонаҳои соҳибкории хурду миёна ба амал омада, дар он беш аз 162 таклифу мулоҳиза пеш гузошта шуд. 11 намуд маҳсулоти мухталиф: семент, пӯлод, тунука. қубурҳои фӯлодини обгузарон, тахтачаҳои руҳӣ ва ғайра пешкаши иштирокдорон гардид. Тадбиргарон махсусан ба қубурҳои обгузарони фӯлодӣ майлу шавқи калон зоҳир намуданд. Алалхусус, ба маҳсули дасти кормандони Ҷамъияти саҳҳомии истеҳсолии «Ӯзметкомбинат» мароқи калон зоҳир гардид. Як тонна маҳсули дасти онҳо, ки арзиши оғозиаш 186 ҳазор сӯм буд, ба 215 ҳазор сӯмӣ харид гашт.

Аз сабаби қимат будани арзиш як қатор маҳсулот аз савдои музояда боздошта шуд. Аз он ҷумла, нархи сементи дар халтаҳо ҷойгиргашта тадбиргаронро қонеъ нагардонд. Вале савдои музояда бомуваффақият гузашт. 41 қарордод ба имзо расид. Қисми зиёди онҳо бо андозаи калон мебошанд.

**Маркази иттилоотиву таҳлилии байнибонкӣ.**



## Бо суръату сифати баланд

Деҳқонони вилояти Сирдарё, алалхусус пахтакорон, ки камчинии обро ду соли охир ба таври ҳискунанда эҳсос менамоянд, аз камбудиҳои рухдода хулосаи даркорӣ бардошта, барои сари вақту хушсифат гузарондани кишти пунбадона диққату эътибори калон медиҳанд. Онҳо ба боронгариҳои паиҳами баҳорӣ нигоҳ накарда, ин тадбири муҳими агротехникиро сари вақту хушсифат гузаронданд. Аз ҳамин сабаб суръати кишти пунбадона дар вилоят рӯз то рӯз баланд мегардад.

Алалхусус маъракаи кишт дар ноҳияи Гулистон навӣ ташкил гардидааст. Пахтакорони ноҳия кишти пунбадонаро дар зери пардаи сунъӣ дар 800 гектар сари вақт ба анҷом расонда, алҳол аз паи дар рӯзҳои наздик ба анҷом расондани кишти одатии пунбадона дар 11790 гектар мебошанд. Корҳои киштукор махсусан дар хоҷагии ширкатии ба номи Амир Темур хуб ташкил гардидааст.

**Дар сурат:** кормандони хоҷагии ширкатии ба номи Амир Темури ноҳияи Гулистон **Ҳасан ДОНИЁРОВ, Муҳаммад ЭРНАЗАРОВ, Бахтиёр ДОНИЁРОВ** ва **Собир ХӮҶАЁРОВ** дар сари кор.

**Матн ва сурати Баҳром ТӮРАЕВ (ЎзА).**

### Айрӯз зодрӯзи Соҳибқирон Амир Темур буд

## Осорхонаи гузаштаи бузург

Дар таърихи мамлакатамон симоҳои бузурге бисёранд, ки баҳри камолоти инсонӣ ва фаъолияти иҷтимой



Ҳайкали Соҳибқирон дар Хиёбони ба номи Амир Темури Тошканд.

саҳми беандоза гузошта, бо ҳамин шӯҳратёр бо фахру ғурури халқу миллат мубаддал гаштаанд. Вале дар байни онҳо симои чун хуршеди тобон ҳаст, ки вай дар гузаштаи Мовароуннаҳр, Хуросон, алалхусус сарзамини имрӯзаи Ӯзбекистон, имрӯз ва фардояш мақоми калон дорад. Ва он инсони азизу мӯҳтарам Соҳибқирон Амир Темур мебошад.

Ному фаъолияти ин сарлашкари машҳур, арбоби давлатӣ, васоятгари илму маърифат танҳо ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон ба ватанаш баргашт. Ва он бесабаб набуд. Зеро мамлакати мо дар юғи мустамликадорӣ қарор дошт, халқи он аз имконияти ба ҷо овардани хотираи ниёкони бузургаш, эҳтиром намудани хизматҳои торихии онҳо маҳрум буд. Номи онҳо, аз он ҷумла номи Соҳибқирон Амир Темур дар саҳифаҳои таърих бо ранги сиёҳ иншо гардида буданд ва мустамликадорон ҳаракат мекарданд, ки ба он мӯҳри хомӯшӣ зананд. Вале халқи Ӯзбекистон гузаштаи худ, қаҳрамонии хешро фаромӯш накард. Дар қалби худ, хотирааш онҳоро нигоҳ дошт. Онро ҳамчун чизи муқаддас дар қаъри дилаш эҳтиёт намуд.

Номи Амир Темур баъди ба даст омадани истиқлолият вирди забонҳо гашт, корнамоиву саҳифаҳои қаҳрамононаи ҳаёти ӯ боз ба халқи азизаш баргашт. Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов яке аз гӯшаи зебоманзари пойтахти Ватанамон Хиёбони Амир Темур ном гирифта, дар ин ҷо ҳайкали Амир Темур қад кашид. Корҳои бисёр аз рӯи аз нав барқарор кардани ёдгориҳои меъмориву таърихие, ки бо номи саркардаи бузург алоқаманд буданд, ба иҷро расиданд ва мерасанд. Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ордени володараҷаи мамлакатамон «Амир Темур» таъсис ёфт ва шаҳрҳои дӯстдоштаи арбоби давлатӣ — Шаҳрисабзу Самарқанд бо ин мукофоти олии Ватан шарафманд гардиданд. Тахти васояти ЮНЕСКО саросари ҷаҳон 660 — солагии ҷашни арбоби давлатӣ, сарлашкари машҳур Амир Темур гузаронда шуд ва ҳар сол дар мамлакатамон 9 апрел ҳамчун зодрӯзи Соҳибқирон васеъ қайд карда мешавад. Дар Шаҳрисабзу Самарқанд низ ҳайкалҳои ӯ сохта шудаанд.

Сохта, ба истифода супурдани биноӣ мӯҳташами зебое дар маркази шаҳри Тошканд, ки осорхонаи давлатии таърихи Темуриён ном дорад, боз як исботи амалии тантанаи адолати таърихӣ нисбати шахсияти соҳибқирон гардид. Гуфтан мумкин аст, ки хиёбони зебои Амир Темур ангуштарин бошад, осорхонаи мазкур нигини ёқутини ин ангуштарин ба ҳисоб меравад.

Агар нигораҳои Осорхонаи мазкурро муоина кунед, ҳам гузашта, ҳам имрӯзуояндаи халқамон чун дар оина падидор мегардад. Онҳо маводи мухталифанду махсусан ба авлоди наврас аз саҳифаҳои қаҳрамононаи гузашта, имрӯз ваояндаи халқамон нақл мекунанд. Вай яке аз биноҳои зебои



шаҳри Тошканд буда, алҳол ба маскани тарбия дар рӯҳи анъаноти таърихӣ, садоқатмандӣ ба халқу Ватан, ба макони тарғибгари илм, фарҳанг, маънавиёту маърифати давраи Амир Темур ва аҳди Темуриён, ҳаёти кунунии халқамон мубаддал гардидааст.

**(Давомаш дар саҳифаи 2.)**

## Боз як кӯпруки муқтадир

Маълум аст, ки дар шаҳри Тошканд воситаҳои нақлиёт торафт зиёд мегарданд ва он боиси сар задани як қатор муаммоҳо мегардад. Минҷумла ҳаракат дар роҳҳои дохила қадре душвор гардида, пеш аз ҳама аз ронандагон ҳушёриву зиракиро тақозо дорад.

Ба мақсади пешгирӣ кардани ҳодисаҳои нобаҳангоми нақлиётӣ ва таъмини бехавфии ҳаракат пиёдагардон дар шаҳр роҳҳои халқагӣ бо кӯпрукҳои замонавӣ сохта шуданд ва мешаванд. Яке аз ин кӯпрукҳо дар шафати автовокзали пештараи «Самарқанд» сохта мешавад, ки дар бобати аз байн бардоштани шиддатнокии ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар кӯчаҳои Фарҳоду Усмон Носир нақши муҳиме мебозад.

Дар ин ҷо кормандони отряди рақами сенздаҳуми кӯпруксозии тресті «Мостстрой» кор мекунанд. Дар ин ҷо ба ихтиёри кӯпруксозон техникаи аз ҳама замонавӣ дода шудааст ва таҷрибаи бой дар ин бобат ҳосилгардида ба онҳо имконият медиҳад, ки супориши ба зиммаашон гузоштаро сари вақт ба иҷро расонанд. Ва супориши мазкур иборат аз сари вақт ва хушсифат ба истифода супурдани кӯпрук мебошад, ки ҳаракати нақлиётро дар ин маскан хеле ба эътидол меоварад.

Бояд тазаккур дод, ки кормандони отряди мазкур соли гузашта дар сохтмони панҷ кӯпрук ва чор обекти ба кӯпруксозӣ алоқаманд иштирок намуданд.

Як далел: баробари ба истифода супурдани кӯпруки мазкур шиддатнокии ҳаракат дар роҳи автомобилгарде тамоман аз байн бардошта мешавад, ки марказро бо истгоҳи автомобилии «Тошканд», аспрез (ипподром), мавзеи Сирғалӣ ва Вокзали Ҷанубӣ мепайвандад.

**(Хабарнигори мо).**

# Зиндагиро орзу ширин намуд...

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

— Ҳа, ҷӯраҷон, ту куҷо рафтӣ? — ҳайратомез пурсид ва сипас амр дод вай, — зуд раву ҳуҷҷатҳоро гирифта, ба факултаи мо супор! Фаҳмо?

Барои вай ҳуҷҷатҳоро баргардонида гирифтан осон нашуд, зеро соҳибони медали тилло дар ҳисоби махсус буда, рӯйхати онҳо ба вазорат мерафт. Аҳмадҷон ба баъзеҳо таваллою зорӣ карда, бо як азоб ҳуҷҷатро гирифту ба гуфти роҳбари маҳфилаш Асад Амонов амал кард. Соли 1986 аксарияти хонандагони мактаби миёнаи рақами 16 донишҷӯи мактабҳои миёнаи махсус ва донишкадаҳо шуданд. Аз ин ҷумла Аҳмадҷон Солеев истисно набуд. Имтиҳони қабулро бо муваффақият супурда, номи донишҷӯи факултаи риёзии Донишгоҳи давлатии Самарқандро гирифт.

## Аз хоҳиш – ба мақсад

*Агар дар ҷаҳон*
*набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз*
*бехирад рӯзгор.*

**А.ҶОМӢ.**

Вай дар курси чаҳорум таҳсил мегирифт, ки аз Маскав А.Д.Брюно ном олими ҷавон омад. Ташрифи ӯ барои донишҷӯён як воқеаи аҷиб ва таъсирбахш буд. Дар 27-солагӣ ба ҳама ҳам доктори фанҳои физика ва математика шудан насиб намегардад. Александр Дмитриевич унвони профессори Донишгоҳи давлатии Маскавро низ дошт.

Ҳангоми дар толор гаштан ӯро аз донишҷӯён фарқ кардан хеле душвор буд. Чунин шуд, ки ӯ дар дигар гурӯҳҳо дарс мегуфт. Аз ҳамин сабаб аксарияти ҷавонони ташнаи илм ба ӯ бо ҳавас менигаристанд.

— Чаро ба мо низ дарс намегӯяд? — рӯзе эътирози худро баён кард кадоме аз донишҷӯён. — Мо ҳам мехоҳем аз сӯҳбати ӯ баҳра барем.

— Марҳамат, — гуфт роҳбари гурӯҳ Шаҳоб Шарифов, — шахсони дилхоҳ метавонанд ба маърӯзаҳои вай иштирок кунанд.

Дар ҳақиқат А.Брюно дар боби алҷабр ва назарияи ададҳо бисёр чизро медонист. Дар дарси ӯ кас хеле чизҳоро дониста мегирифт.

— Ман тайёрам, — гуфт рӯзе ба донишҷӯён, — ба тамоми пурсишҳои шумо аз риёзӣ ҷавоб гӯям.

Дар давоми се моҳ ҷавонони самарқандӣ аз ӯ бисёр чизҳоро омӯхтанд. Онҳо ба Александр Дмитриевич пеш аз бозгашташ аз курси махсуси риёзӣ имтиҳон супурданд. Аҳмадҷон Солеев ва чанд нафари дигар низ хоҳиши аз санҷиш гузаштан карда, диққати устоди русро ба худ кашиданд. Олими рус аз 12 нафар танҳо ду нафарро интихоб кард.

— Шумо дар Маскав хондан намехоҳед? — ногаҳон таклиф намуд вай, — илмдӯстии шумо ба ман хеле писанд омад.

— Ба ман Ленинград маъқул аст, — фикри худро баён кард Аҳмадҷон, — шаҳри хеле зебо ва муҳити илмиаш ҳам хуб мегӯянд.

— Дуруст, — паст наомад А.Брюно, — лекин олимони пурқувват дар марказанд. Ҳангоми интихоби шаҳр ҳамин чизро ҳам ба назар гиред.

Аҳмадҷон аз волидайн фотиҳа гирифту бо ҳамкурсаш ба Маскав омад. Донишгоҳи ба номи Ломоносов ӯро дар ҳайрат гузошт. Дар хусуси ин маскани илму ирфон аз рӯзномаю маҷаллаҳо бисёр хонда буд, аммо хондан дигар будааст у дидан дигар.



## Орзуро айб нест

*Ҷони инсон ташнаи*
*фатҳу кушоиш будааст,*
*Рӯҳи инсон ташнаи*
*маҳву ситоиш будааст.*

**ЛОИҚ.**

Пас аз хатми донишгоҳ дар яке аз сафарҳо дар назди шаршараи машҳури Канада Ниагаро истода, аз баландӣ бо шиддат фуруд омадани обро тамошо мекард. Ба назари кас ғулғула ангехта, пош хӯрдани кафку чакраҳои об ва пайдоиши рангинкамон аҷиб метофт. Аҳмадҷон аз мӯъҷизаҳои нотакрори табиат баҳра мебурд ва ботинан завқ мебурд.

Дар як қитъаи дурдаст — дар як гӯшаю канори дунё — дар шаҳри Торонто истода, аз зебоии табиат баҳра мебарад. Аз он қаноатмандӣ мекард, ки кӯшишу ғайраташ барабас нарафтанд. Шабҳои бехобӣ болои ҳалли мисолу масъалаҳои риёзӣ самараи худро дод. Вай ба ивази ранҷи бешумори худ соҳиби ҳам бахту ҳам тахт гардид.

Пас аз сафари Канада ӯро ба мудири кафедраи алгебра ва геометрияи факултаи механика ва математика тавсия намуданд. Баъди се соли он бар ӯҳдаи ӯ вазифаи басо пурмасъулият — муовини раиси Донишгоҳи давлатии Самарқандро дар бахши таълиму тарбия вогузор намуданд. Бо вуҷуди пурташвиш будан пайваста бо кори илмӣ машғул мешуд. То имрӯз беш аз ҳафтод номгӯй мақолаҳои оммавиву баҳсталаб навишта, дар рӯзномаю маҷаллаҳои бонуфузи дунё чоп кард. Се мартиба ғолиби озмуни Сорус гардид, ки ин мукофот барои мақолаҳои беҳтарин дода мешавад. Кори илмии ӯ дар бобати ҳалли махсуси муодилаҳои алгебрию дифференсиалӣ ва бисёркунҷаи Нито, ки дар асоси он рисолаи доктариро ҳимоя кардааст, аз забони англисӣ ва фаронсавӣ интишор шуд, ки олимони хориҷӣ ба он баҳои баланд доданд.

Дар донишгоҳи бонуфузи Канада дарс гуфтани ӯ низ самараи корҳои илмии ӯ буд. Вай дар давоми чор моҳ аз таҷрибаи бои худ нақл кард. Профессори Донишгоҳи Торонто Ёахим Газен аз корҳои илмии ӯ ба ваҷд омада гуфт, ки олими самарқандӣ метавонад бо Академияи Канада ҳамкорӣ кунад ва ҳукумати ин мамлакат тайёр аст, ки барои ӯ равияи нав дар фан таъсис намояду ҳаматарафа дастгирӣ ва кӯмак расонад. Инчунин маблағи кофӣ низ ваъда кард. Аммо ӯ донишгоҳи худ ва зодгоҳаш Самарқандро афзал донист.

Кафедраи алгебра ва геометрия, ки ӯ роҳбарӣ мекунад, маскани дӯстдоштаи математикони на танҳо донишгоҳ, инчунин мактаби таҷрибаомӯзии муаллимони вилояту ҷумҳурӣ мебошад.

## Муодилаҳо – забони математикҳо

*«Агар ба ман омӯзиши дубора муяссар шавад, ба маслиҳати Платон амал карда, аввалан ба омӯзиши риёзӣ, ки илми дақиқ аст, аз нав шурӯъ мекардам».*

**Г. ГАЛИЛЕЙ.**

— Аҷиб, риёзӣ чӣ тавр пайдо шуд? — боре пурсидем аз ӯ.

— Бо боварии том метавонам гӯям, ки баробари пайдоиши одам, — посух дод Аҳмадҷон Солеевич. — Дар замони қадим гузаштагони мо ба шикор мерафтанд. Он чизе, ки ба даст меоварданд, байни худ тақсим мекарданд. Мумкин дар навбати аввал бо кӯмаки ангуштҳо шумора пайдо шуд. Баъд панҷаҳо низ барои ададҳои бисёр камӣ кард. Маҷбур шуданд, ки аз сангчаю чӯбча истифода баранд. Бо мурури замон усули ҳисоб тараққӣ ёфт. Аз ин ҷо дар мафҳуми мо калимаҳои «ҷамъ», «тақсим» ва ғайра пайдо шуд. Ченкуниро дар Миср кашф карданд. Аз ҳамин сабаб Қоҳираро ватани геометрия меҳисобанд.

Ҳоло мо дар ҳаёти ҳаррӯзаамон дар ҳар қадам бо риёзӣ рӯ ба рӯ мешавем. Масалан, пагоҳирӯзӣ аз хоб хеста ба соат менигарем ва вақтро мефаҳмем. Ё хона созем, боз ҳисобу китоб лозим аст. Хулоса ҳаётро бидуни риёзӣ тасаввур кардан хеле душвор. Риёзиро надонед, ҳатман фиреб мехӯред.

— Барои далели фикри худ воқеаи аҷибро ба шумо нақл мекунам, — суханашро давом дод вай. — Як ошпаз ошхона кушода, ҳар рӯз таом мепухт ва бо ин роҳ зиндагиашро пеш мебурд. Рақобат дар байни соҳибони ин касб низ бештар шуда, кори ӯ пеш намерафт. Рафиқи наздикаш, ки дар шафати ошхонаи ӯ кор мекард, ба ӯ мегӯяд, ки вай метавонад ҳар рӯз бо даҳ нафар дӯсташ омада, хӯрок хӯрад. Ба шарте ки ҳар рӯз ҳар яки онҳо курсии нишастаи худро иваз карда мешинанд ва ҳамин, ки ин амал ба охир расид, ҳисобу китоб хоҳанд кард.

Ошпаз фикр мекунад, ки даҳ нафар дар ду-се моҳ ҷои худро иваз карда метавонад ва соҳиби пули яклухт мешавад. Зуд розӣ шуда, ҳар пешин ба онҳо хӯрок медиҳад. Лекин аз байн як-ду сол гузарад ҳам, курсии нишастаи худро иваз кардани меҳмонон ба охир намерасад. Вай ноилоҷ назди як шиноси аз математика хабардор рафта, аҳволро фаҳмонда медиҳад. Дӯсташ ҳисобу китоб карда мефаҳмонад, ки барои ҷойивазкунии даҳ нафар қариб ҳазор сол намерасад!

Сипас ошпаз хатои худро фаҳмида, рӯзи дигар боз ҳам зиёфати зӯр ташкил мекунад ва аз мизоҷон узр пурсида, иштибоҳ кардани худро тан мегирад. Меҳмонон завқ карда механданд ва ноилоҷ ҳисобу китобро баробар мекунанд.

Барои ҳамин ҳам, дӯстам, мардум дуруст мегӯянд: шахсе, ки ҳисобу китобро намедонад, аз ҳамёнаш ҷудо мешавад.

**Ғафурҷон МАҲМУДОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
**ш.Самарқанд.**

# Турфа олам

## Беҳтараш фардо оед

Дар даромадгоҳи яке аз дармонгоҳҳои шаҳри Вайкросини Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таблои бузурге овезон аст, ки дар он ҳуқуқи мизоҷон иншо гардидааст. Ҳуқуқи мизоҷон ба андозае зиёд оварда шудаанд, ки барои то ба охир хондани он вақти бисёре харҷ мегардад ва пурра хонда баромадани он ҳам аз имкон берун мебошад. Чунки он тез-тез тағйир ёфта, кас гиреҳи калобаро дарёфтанаш душвор аст.

Аҷибаш ин ки дар поёни табло чашми кас ҳатман ба навиштаҷоти зерин бармехӯрад: «Агар то ба охир хондани ҳаққу ҳуқуқҳоятон сабру бардошт ва вақтатон кифоя карда бошад, худро ба табибон нишон доданатон шарт нест, беҳтараш фардо оед».

Ба фикри равоншиносон бо ин усул аз маризии асаб мизоҷонро ба осонӣ халос кардан мумкин аст.

## Усули нав

Олимони итолиёвӣ, ки дар бобати тадқиқи ҳайвонот қадамҳои дилпурона гузоштаанд, усули нави ба рӯйхатгирии гургҳои кӯҳиро офаридаанд. Онҳо то ҳол мисли пешина теъдоди гургҳоро аз нақши пояшон муайян менамуданд. Дастгоҳи сохтаи онҳо садои гургҳоро сабт мекунад.

Чун дигар ҳайвонот гургҳо низ забони хосса доранд. Масалан, як навъ нолаи онҳо маънии «Ман ин ҷо, ин мавзеъ ҳам аз они мост»-ро ифода мекунад. Ин навъи ноларо олимон ба дастгоҳ сабт намудаанд, ки дар зарурат садои онро баланд мекунанд. Гургҳои атроф овозро шунида акси садо медиҳанд ва аз садояшон маълум мегардад, ки онҳо чанд саранд.

## Курсҳои якрӯза

Дили баъзе мусофирон ҳангоми парвоз дар тайёра аз пасту баландшавии он аз эътидол берун метапад. Аз ин рӯ, гурӯҳе бори дуюм ба тайёра савор намешаванд.

Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, Ширкати ҳавопаймоии «Саут Африкэн эйруэйз»-и Ҷумҳурияти Африқои Ҷанубӣ курсҳои якрӯзаро ташкил додааст. «Тарсу»-ён дар дастгоҳи махсус ба парвозҳои баланд тайёр карда мешаванд. Хатмкунандагони курс дар як рӯз ба «ҷасур»-он табдил ёфта, дигар ҳангоми парвоз ба воҳима намеафтанд.

Баъди хатми курси якрӯза ба шиносномаи онҳо мӯҳри махсуси ширкат гузошта мешавад ва он чунин маънӣ дорад, ки онҳо танҳо дар тайёраҳои ин ширкат парвоз карда метавонанд. Агар қоида халалдор гардад, дар он сурат тавассути суд ҳисоббро баробар мекунанд.

## Фарқи зану мард дар чист

Яке аз маҷаллаҳои Фаронса иттилоъ додааст, ки фарқ байни зану мард аз сад навъ зиёд аст. Масалан, майнаи мард нисбати майнаи зан 250-350 грамм вазнинтар аст. Аммо он далел бар ҳамин намебошад, ки мардҳо нисбат ба занон ҳушмандтаранд.

Ҳисси бӯйии занҳо нисбати ҳисси бӯйии мардҳо баландтар аст. Аммо дар корхонаҳои атриёти Фаронса мардон 80 фоизи кормандонро ташкил медиҳанд.

Мутахассисони олмонӣ бошанд, компютерро ихтироъ намуданд, ки миқдори зарфҳо ва амалиёти бонувонро дар ошхона ба ҳисоб мегирад. Бонуи дюселдорфӣ бо кӯмаки компютери мазкур амалиёти солонаи хешро дар ошхона хулоса кард. Компютер нишон дод, ки ӯ дар бадали як сол ду ҳазор табақ ва 8 ҳазор чумчаву чангак шустааст. Яъне дар тӯли як сол зан 5 тонна борро аз як ҷо бардошта ба ҷои дигар мондааст.

Равоншиноси амрикоӣ Бердиул бар он аст, ки ҳамсарон дар як шабонарӯз бояд аз 27 дақиқа бештар ҳамгап нашаванд. Сӯҳбату сухани кӯтоҳ вазъи барқарории оиларо таъмин мекардааст.

## Кенгуруи дарахтнишин

Бо вуҷуди он, ки асри мо ба умқи асрори табиат бештар рафтааст, гоҳ-гоҳ кашфиёти хурду бузург сурат мегирад. Сайёди касбӣ Тифланнер дар ҷангали Гвинеяи Нав гашту гузор дошт. Дар назди дарахте ногоҳ қарор гирифт. Вале дар байни шоху барг ба ҷои парранда ҳайвони думдоре ба назар расид. Сайёд ҳанӯз ба ин гуна махлуқ рӯ ба рӯ нагардида буд.

Вақте ки сайёд ҷонвари даҳкилоиро ба мутахассисон нишон дод, ҳайрати табиатшиносон дучанд гашт. Онҳо низ кенгуруи дарахтнишинро бори аввал медиданд.

Сайёд тасодуфан дар илми табиатшиносӣ тозагие ворид карда буд.

## Қоидаро риоя кардаанд

Дар Осорхонаи варзиши Лондон ду тангаи тиллоие нигоҳ дошта мешавад, ки ба футбол мутааллиқ аст.

Соли 1863 дар футболи Англия қоидаҳое ҷорӣ шуда буданд, ки ҳангоми бозӣ бо даст доштани тӯбро манъ мекард. Он вақт устоди тими шаҳри Шефилл роҳи осони ба қоида риоякуниро ёфта буд. Вай қабл аз бозӣ ба ҳар як бозингар дутой тангаи тилло медод ва хоҳиш мекард, ки дар ду даст яктогӣ маҳкам дошта, ба майдон дароянд. Ин ҳолат имкон дод, ки варзишгарон қоидаи бозиро вайрон накунанд.

## «Дорбоз»-и номаълум

Дар шаҳри Сан-Франсиско мусобиқоти аҷибе сурат гирифт. Перомуни боми бинои маъмуриеро деворе печонда гирифтааст, ки 15 сантиметр бар, 335 метр дарозӣ дорад. Даъвогарони мусобиқа бе лангару ресмон бояд аз болои он босуръат ҳаракат кунанд.

Радиомуҳандис Бинг Роквелли 20-сола ҳунари дорбозӣ надошта бошад ҳам, дар бадали 26 сония роҳаки девори камбарро тай намуд.

## Ҳайвонҳо низ мегирянд

Гиря танҳо барои инсон хос набудааст. Мавридаш ояд ҳайвонҳо низ ҳангоми ғаму ғусса хӯрдан гиря карда, дилашонро сабук мекардаанд. Инро қабл аз ҳама артистони сирки ба номи Дурови шаҳри Воронеж ба мушоҳида гирифтаанд. Барои шоуи «Манзараи фусункори об» палангги баҳриеро ба номи Сандра оварда буданд. Паланг ғайричашмдошт мурд. Байторон хулоса карданд, ки паланг бар асари заҳролудшавӣ ҳалок шудааст. Иштирокдори дуюми шоу «дугона»-и Сандра-Жанна аз ин ҳол сахт ба рикқат омада, ҳатто ба саҳна набаромад. Лутфу меҳрубониҳои соҳиб барояш хуш набуд, рафта-рафта аз фаъолият батамом рӯ тофт. Пайваста аз дидагонаш ашк мешорид.

✻ Одамони нек ✻

# Арзи сипос

Мегӯянд, ки «То мусофир нашавӣ мусулмон нашавӣ». Ва дар замири ин ҳикмат чӣ қадар маънӣ ва ҳикмате ниҳон аст. Баъд аз сафарҳои зиёд ба шаҳру кишварҳои мухталиф кас ба рӯзгору зиндагии басо одамон шинос ва аз сӯҳбату ҳангомаҳои судманд бархӯрдор мешавад. Хулоса, оламу одам меомӯзад.

— Дар шаҳр ду хонаи шиносам ҳаст, яке намояндаи миллати рус асту дигаре аз ҳамзабонҳоямон, — ба ман мефаҳмонд амакбачаам Ёрқин, вақте ки маро барои таҷрибаомӯзӣ ба Тошканд фиристода буданд ва ӯ дар мактаби олии милитсия мехонд — аммо кадомашро барои иҷорашинӣ интихоб кардан ба худат вобаста, — мегуфт ӯ.

Инак, аз миён қариб ҳафт сол гузашта бошад ҳам, ман ҳоло ҳам аз роҳи пеш гирифтаи худ ҳаргиз таассуф нахӯрдаам. Зеро баъди дар хонаи Махайдиновҳо ба сифати иҷорашин истиқомат карданам, ба аҳли оилаи онҳо бисёр унс гирифтам. Махсусан, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, меҳмоннавозӣ барин фазилатҳои хуби сарони хонавода Маъруфамаку Фотимахола ба ман хеле писанд омад. Онҳо аслан аз деҳаи Боғистони ноҳияи Бӯстонлиқ буда, соли 1942 ба ин ҷо (ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд) омада будаанд.

— Худи Маъруфамак дар корхонаҳои зиёд ҳамчун коргари оддӣ кор карда бошад ҳам, ҳаргиз ба моли касе бо чашми бад нанигаристааст,— мегуфт боре меҳмони аз деҳааш омада. — Чуноне ки аз қиёфааш маълум аст, ин мардак ба ягон кас харҳашаву ҷанг накардааст, бисёр дили беозор дорад, — нақл мекард он меҳмон.

Ба ин гуфтаҳои меҳмон ман баъдтар эътимоди қавӣ ҳосил кардам. Дарвозаи ҳавлиашро аскаре мекӯфт: — Амак дар хона бошанд,— сӯроғ мекард ҷавони низомипӯш баъди лаҳзае соҳибхона баромада бо ӯ вохӯрд. — Ҳамон пуламро медодед, аз хизмат озод шуда ба хона рафта истодаам, бе тӯҳфаву савғо ба зодгоҳам наравам,— изҳор мекард ҷавон. Ва ин дам амак давон вориди хона шуда, як чизи қоғазпечро бароварда ба аскар дод. Маълум шуд, ки ба Маъруфамак пулҳои аз хонааш омадаро барои пасандозаш шаш моҳ пеш аз ин дода будааст. Мисли ин бисёр ҷавонони шинос, ки аз ҳар гӯшаву канори ҷумҳурӣ омада дар мактаби милитсагӣ мехонданд ё дар қисми ҳарбӣ хизмат мекарданд (ин муассисаву қисмҳо дар наздикии хонаи ӯ воқеанд) ба ин марди хурдҷуссаи беозор эътимоду боварии мустаҳкам дошта буданд.

Фотимахола ҳам бо шавҳараш ҳафт писару ду духтар ба воя расониданд. Фарзандонашон имрӯз ҳар яке соҳиби касбу кори худ шудаанд. Ин зани хушмуомила ва меҳмондӯст ҳабдаҳ сол боз аз паи фаррошӣ нон мехӯрад, нони ҳалол.

Вақти бозгашт ба Душанбе писари хурдаш — Каримҷон муштоқи сурудҳои ҳофизони тоҷик буданашро гуфта буд.

— Илоҷаш шавад, як-ду кассетаҳои онҳоро ин дафъа биёред, — илтимос мекард ӯ.

Баъди як сол тасмаҳои овози овозхонони маъруф Аҳмади Зоҳир ва Кароматуллои Қурбонро ҳатман гирифта овардам. Каримҷон чунон хурсанд шуд, ки гӯё тӯҳфаи гаронбаҳое овардаам...

Чанде пеш рӯзи дар Тошканд буданам, нохост онҳоро фикр кардам. Қариб як сол боз надидаам. Онҳоро сари қадам аз ҳолашон хабар нагирифта равам, намешавад. — Оқибат қарор кардам ман.

Хушбахтона, аз ин ҳол ҳардуяшон хеле шод шуданд. Фотимахоларо ба наздикӣ чашмашро ҷарроҳӣ кардаанд. Ҳоло сиҳат шудааст. Ба худ гуфтам: умри чунин одамони нек дароз бошад.

**Анорбой ШОДИПУР.**

# «Нестле» дар Наманган

Солҳои охир шумораи корхонаҳои муштараке, ки бо сармояҳои хориҷӣ қад мекашанд, пайваста меафзояд. Корхонаи муштараки ӯзбекистониву швейтсарии «Нестле-Ӯзбекистон» аз ҷумлаи он мебошад, ки дар Наманган барпо гардидааст. Аҳли меҳнати он аввалин маҳсули дасти худро ба ҳукми истеъмолгарон пешкаш намуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Ширкати «Нестле» дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон корхонаҳои худро барпо карда, алҳол беш аз 3 ҳазору 800 номгӯй маҳсулотро пешкаши харидорон мекунад, ки аксари онро озуқа ташкил медиҳад. Ва ин маҳсулот бо хушсифатӣ, таъми хуб, зебогиву назаррабогӣ, ғанӣ будан аз витаминҳои табиӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Корхонаи мазкур дар заминаи Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Нафосат»-и Наманган созмон ёфта, арзиши умумиаш 37 миллион доллари ИМА мебошад. То ҳоли ҳозир 23,5 миллион доллари он азхуд гардидааст у навбати аввали он ба фаъолият шурӯъ кардааст.

Ҳоли ҳозир дар корхона дастгоҳу асбобу ускунаҳои замонавие гузошта шудаанд, ки аз Швейтсария, Итолиё ва Фаронса оварда шудаанд. Дар ин ҷо маҳсулоте омода мегардад, ки на танҳо талаби аҳолии Ӯзбекистон, балки мамлакатҳои ҳамсояро ҳам қонеъ мегардонад. 300 нафар алҳол бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудаанд.

— Ман аз он фахру ғурур дорам, ки барои имрӯз ва фардои кишварам меҳнат мекунам, — мегӯяд коргари сехи қадоққунии об Ҳамид Исоев. — Хабари кушода шудани онро шунида, ба ин ҷо омадам. Дар бобати харидоргир шудани маҳсулот саҳми ман ҳам ҳаст.

Корхонаи мазкур 21 гектар майдонро ишғол намудааст. Биноҳои онро бунёдкорони фирмаҳои «Кентек»-и Ирландия ва «Айсел»-и Туркия якҷоя бо бинокорону васлгарони маҳаллӣ сохта, ба истифода супурданд. Корхона барои тайёр кардани маҳсулот аз ашёи хоми маҳаллӣ тахассусонида шудааст.



**Дар сурат:** коргари сехи қадоққунии об **Ҷаҳонгир ҒАНИЕВ.**

**Матн ва сурати Ш.ОЛИМОВ (ӮзА).**

# НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

## Сохтмони маҷмӯа

**НАМАНГОН.** Собиқ заводи пахтатозакунии рақами 3/4, ки дар маркази шаҳр бунёд шуда буду солҳои дароз ҳавои шаҳрро ғуборолуд мекард, мувофиқи қарори ҳокими вилоят ба ҷои дигар кӯчонида шуд. Мувофиқи қарори ҳокими вилоят дар ҷои заводи пахтатозакунӣ сохтмони маҷмӯаи истироҳатии «Маркази ҷавонон» оғоз ёфт. Майдони умумии он 40 гектарро ташкил намуда, дар он бунёд намудани амфитеатр барои 6000 тамошобин, аквапарк, варзишгоҳ, якчанд корти теннис, толори болопӯшидаи варзиш, кинотеатр, қаҳвахона, чойхона пешбинӣ шудааст.

Арафаи иди умумихалқии Наврӯз дар майдони сохтмон маросими гузоштани хишти аввал ба пойдевори маҷмӯа барпо гардид. Дар он ҳокими вилоят Т.Ҷабборов иштирок намуда, роҳбарони корхонаҳои калони саноатӣ, муштарак ва хоҷагиҳоро барои саҳм гузоштан ба сохтмони маҷмӯа даъват намуд. Аз номи ҳомиёни яке аз муассисони корхонаи муштараки истеҳсоли целлюлозаи «Намбум», роҳбари фирмаи «Квик стоп групп»-и Британиё Ж.Пател оиди саҳмгузории гурӯҳи корхонаҳои «Намбум» дар ин иқдоми нек изҳори ақида намуд.

## Манораи нави телевизион

**ЧУСТ.** Солҳои охир бо сабаби кӯҳнашавии дастгоҳу таҷҳизоти қабулу паҳнкунии мавҷҳои маркази телевизионии Андиҷон сифати тасвири «оинаи нилгун» дар бисёр ноҳияҳои дури вилояти Наманган коҳиш ёфта буд. Ҳаминро ба эътибор гирифта Девони Вазирони ҷумҳурӣ оиди дар ноҳияи Чуст бунёд намудани манора ва маркази нави телевизион қарор қабул намуд. Чанде пеш маросими гузоштани хишти аввал ба пойдевори ин иншооти бузург баргузор гардид.

Арзиши лоиҳавии сохтмон 360 миллион сӯм буда, онро бинокорони колоннаи махсуси механиконидашудаи сайёри дар шаҳри Чуст будаи вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ бунёд менамоянд. Телеманораи нав, ки баландии он 187 метрро ташкил намуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонида мешавад, намоиши барномаҳои телевизиони ҷумҳуриро дар навад фоизи ҳудуди вилоят, алалхусус минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ беҳтар месозад. Инчунин, манораи нав барои паҳншавии мавҷҳои радио мусоидат намуда, хизматрасониро ба мизоҷони корхонаҳои алоқаи «Коском» ва «Ӯздунробита» низ беҳтар мегардонад. Якҷоя бо сохтмони манора назди он маркази телевизион ва се коттеҷ барои ходимони корхона, ҳамчунин дигар биноҳои ёрирасон бунёд хоҳад ёфт.

**А. НУРИДДИНОВ,**
**мухбири худамон.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 344.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Х/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. ТӮХТАЕВ.
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.